«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессор
_____ Гулназарзода Ж. Б.
«05» январи соли 2023

Тақризи
муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Наимова Фарзона Меҳрубоновна дар мавзуи «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм. Диссертатсияи Наимова Фарзона Меҳрубоновна дар мавзуи «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Мавриди тазаккур аст, ки нома ва номанигорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳунарӣ аз қадим таваҷҷуҳи аҳли адабро ба худ ҷалб карда меояд. Ин падида дар замони мо низ ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ҳунарии худро дар баробари даст ёфтани инсоният ба воситаҳои нави иттилоърасонӣ ҳифз намуда, таҷрибаи офаринандагии адибонро дар худ нигоҳ дошта меояд. Дар фаъолияти гуногунсоҳаи устод Садриддин Айнӣ нома ва номанигорӣ ҷойгоҳи хосса дошта, ин фаъолияти ӯ, агар аз як тараф, анъанаи номанигориро идома дода бошад, аз тарафи дигар, муҳимтарин масъала ва муаммоҳои таърихи адабиёти тоҷикро инъикос намудааст. Ин тарафи масъала нав буда, камтар таваҷҷуҳи айнишиносонро ба худ ҷалб намудааст. Масъалаи мазкурро метавон дар заминаи номаҳои устод Айнӣ бо адибони тоҷик, аз ҷумла дар мисоли мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ баррасӣ намуд. Дар адабиёти муосири тоҷик ин анъанаи дерин дар сурати нав ва мутобиқ ба ниёзҳои ҷомеаи муосир идома

ёфтааст, ки бехтарин намунаи онро мо дар фаъолияти ҳадафмандонаи устодон С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ мебинем. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ аз лиҳози масъалаҳои адабиётшиносӣ, бешубҳа, идомаи ҳадафмандонаи мактаби айнишиносӣ мебошад. Мутахассисон ва оммаи хонандагон танҳо аз қисме аз номаҳо огоҳ буда, аз бисёр мактубҳои арзишманди ин адибон иттилоъ надоранд. Умеди қавӣ меравад, ки ин костагӣ дар натиҷаи омӯзиши номанигории устод Айнӣ, аз ҷумла дар мукотиба бо А. Лоҳутӣ бартараф хоҳад шуд.

Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Консепсияи умумии диссертатсия, сохтори он, дараҷаи дарки масъалаҳои дар он тадқиқшуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми довталаби дараҷаи илмӣ ва нуқтаи назари ӯро перомуни мавзуи тадқиқ инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу баррасӣ ва баҳсҳои ҷолиб дар атрофи фаъолияти номанигории устод Айнӣ, ки дар ду шакл баррасӣ шудааст, чопи номаҳои С. Айнӣ ба адибони тоҷик, ки ин падида ҳанӯз дар замони зиндагии нависанда ба расмият даромада, имкони шиносоӣ ба онҳоро фароҳам овард ва таҳқиқи ин падида дар зимни таҳқиқоти адабиётшиносон дар робита ба дигар фаъолиятҳои устод Айнӣ сурат гирифтааст. Муаллиф барҳаҚ таъкид менамояд, ки дар адабиётшиносии замони шуравии тоҷик дар масъалаи мукотиботи С. Айнӣ бо адибони тоҷик нисбат ба масоили таҳқиқ бештар ба масъалаи ҷустуҷӯ, бозёфт, баргардон ва чопи номаҳо таваҷҷуҳ шудааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ ба шумор рафта, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, ҷустуҷӯ, таҳқиқи масъалаҳои асосии таҳлил ва баррасии муносибатҳои дӯстона ва эҷодии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, пайванди ногусастанӣ ва пурсамари ин адибони

бузурги муосир, эҳтироми пойдори байниҳамдигарии онҳо ба адабиёти тоҷик ва амсоли инҳо, пешниҳоди маълумот барои тадқиқот, интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри сарчашма фаъолона иштирок намудааст.

Таҳқиқи мазкур, ки дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст, заҳмати чандинсолаи муаллиф мебошад.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 15 фасл ва хулосаю рӯйхати адабиёт иборат буда, аз баррасии бобҳо натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ба даст омадаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Равобити дӯстӣ ва эҷодии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ»** унвон гирифта, аз чор фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби аввал **«Шарҳи ҳол ва осори С. Айнӣ дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ»** дар заминаи мактубҳое навишта шудааст, ки онҳо рӯзгор ва осори устод Айниро ба таври равшан инъикос намудаанд. Ин мактубҳо, ки муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии шахсии устод Айнӣ, фаъолияти эҷодӣ, тартиби кори эҷодии адибро бо дақиқият фаро мегиранд, ҳамчун сарчашмаи муҳимми илмӣ-адабӣ дар адабиётшиносӣ ҷойгоҳ доранд. Дар номаҳое, ки С. Айнӣ дар солҳои 1930 – 1940 (23 ноябри соли 1934, 17 январи 1937, 7 октябри 1937, 6 ноябри 1937, 8 майи 1938, 25 майи 1938, 28 майи 1938, 30 апрели 1939, 14 июни 1939, 4 августи 1940, 24 ноябри 1940 ва ғ.) ба Абулқосим Лоҳутӣ ирсол доштааст, доир ба масъалаҳои шарҳи ҳол ва осори худ маълумоти пурқимат баён намудаанд. Барои таҳқиқи рӯзгор ва осори адибон фикру андешаҳои худи онҳо ба сифати манбаи муътамад аз ҳар ҷиҳат бағоят арзишманд мебошанд. Аз ин ҷиҳат, мукотиботи устод Айнӣ, махсусан номаҳое, ки ба А. Лоҳутӣ дар солҳои 1930-1940 навиштааст, бо фарогирии санаду мадракҳои тоза ва пурқимат аҳаммияти калони илмию таърихиро доро мебошанд. Дар мактубҳои ба А. Лоҳутӣ фиристодаи С. Айнӣ муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии нависанда, фаъолияти эҷодӣ, тартиби кори эҷодӣ ва афкори адабию эстетикии ӯ бо ҷузъиёт ва дақиқият баён шудаанд, ки паҳлуҳои гуногуни зиндагиномаи

адибро ҳамаҷониба равшан мекунанд. Фасли дувуми боби аввал **«Зиндагиномаи С. Айнӣ дар солҳои таъқибот»** ном гирифтааст. Дар ин бахши кор бо такя ба баррасиҳои номаҳои устод ба унвони А. Лоҳутӣ муқаррар кардем, ки С. Айнӣ дар солҳои таъқибот чун адибони дигар як ҳаёти пурмоҷаро, сангин ва сахтеро аз сар гузаронидааст, вале ҳеҷ гоҳ умедашро аз пирӯзии ҳақиқату адолат наканда, пайваста мубориза бурдааст. Дар фасли сеюми боби якум, ки **«Бозтоби саргузашт ва фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ дар мактубҳояш ба С. Айнӣ»** унвон дорад, шарҳи ҳоли устод Лоҳутӣ аз номаҳои ба С. Айнӣ фиристодааш ҷустуҷӯ шудааст. Дар онҳо боз ҳамон вазъияти бағоят мураккаб ва солҳои пуршиддати шахспарастӣ, ки он замон худи устод Лоҳутӣ низ дучори шубҳаву гумонҳо шуда буд, инъикос ёфтааст. Аз ҳамин сабаб, номаҳои ӯ вазъу ҳолати мураккаби руҳиву равонии ин давраи зиндагии адибро нишон медиҳанд. **Фасли чоруми ин боб «Тафсилоти тартиби кори эҷодии С. Айнӣ дар мукотиба бо А. Лоҳутӣ»** ном гирифта, ҳамон номаҳои адиб мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дар онҳо устод Айнӣ тарзи асарофаринӣ ва тартиби кори эҷодии худро бо тамоми нозукиҳои ҳунари нигорандагӣ тасвир кардааст. **«Бозтоби фаъолиятҳои эҷодии А. Лоҳутӣ дар мактубҳо ба С. Айнӣ»** унвони фасли панҷуми боби якум буда, масъалаи бозтоби тартиби коргоҳи эҷодӣ ва саргузашти А. Лоҳутӣ дар мактубҳои ӯро баррасӣ мекунад. Фасли шашуми боби аввал **«Инъикоси фаъолияти шахсиятҳои адабӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ»** номгузорӣ шудааст ва дар он масъалаҳои муҳимми дар мактубҳои устодон Айнӣ ва А. Лоҳутӣ мавқеи марказӣ пайдонамуда, инъикоси фаъолияти шахсиятҳои адабию фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятии он рӯзгор баррасӣ шудаанд. Чунки ин шахсиятҳои адабию фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ дар замони худ дар рушду нумуи адабу фарҳанги тоҷик мубориз ва пешсаф будаанд ва барои ривоҷу равнақ ва инкишофи адабиёту фарҳанги тоҷик дар он солҳо хидмати беминнат кардаанд.

Боби дувум «Афкори адабию эстетикии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ» ном дошта, дар панҷ фасли таркиби он афкори адабию эстетикии С. Айнӣ ва А.

Лоҳутӣ дар заминаи мукотиботи онҳо мавриди таҳқиқи филологӣ қарор дода шудааст. Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки афкори адабию эстетикии устод Айнӣ дар ҳамаи асарҳои ӯ ба мушоҳида мерасад, вале мукотиботи нависанда бо А. Лоҳутӣ форогирандаи масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ, аз ҷумла анъана ва навоварӣ, мундарича ва шакли шеър, мулоҳизаҳои С. Айнӣ дар бораи шеъру шоирӣ, масъалаҳои омӯзиши мероси адабӣ ва таъйини ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси гузашта, таҳқиқи рӯзгори устод Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигар чеҳраҳои адабӣ мебошанд ва дар навбати худ, ҷавоби мактубҳои ӯ аз тарафи А. Лоҳутӣ андешаҳои ин шоирро оид ба осори С. Айнӣ ва маҳорати адабии ӯ дар худ маҳфуз медоранд. Фасли якуми ин боб **«Анъана ва навовариҳои А. Лоҳутӣ аз назари С. Айнӣ»** унвон дошта, мулоҳизаҳои ҷолиби устод Айниро дар мавзуи хизматҳои адабии А. Лоҳутӣ дар шеъри муосири тоҷикӣ дар заминаи номаҳо баррасӣ менамояд. Аз баррасии номаҳои ин ду адиби бузург муаллиф ба натиҷае расидааст, ки яке аз мавзуъҳои марказии мукотиботи устод Айнӣ фикру мулоҳизаҳои ӯ доир ба анъана ва навовариҳо дар ашъори А. Лоҳутӣ мебошад. Дар фасли дувуми боби мазкур - **«Мулоҳизаҳои С. Айнӣ оид ба мундарича ва шакли шеър»** баъзе аз қайдҳои устод Айнӣ дар номаҳояш, ки ба қонунмандиҳои шеъру шоирӣ марбутанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. С. Айнӣ муҳимтарин хусусиятҳои ашъори симоҳои барҷастаи адабиёт, ба мисли устодон Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Сайидо, Абдулқодири Бедил, Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Тошхоҷаи Асирӣ, Зуфархони Ҷавҳарӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва дигаронро аз ҷиҳати шакл ва мазмун таҳлилу баррасӣ ва доир ба ашъори онҳо фикру мулоҳизаҳои судманди хешро баён намудааст. Фасли сеюми боби дуюм- **«Масъалаҳои омӯзиши мероси адабӣ ва таъйини ҳуқуқи тоҷикон ба осори адабии гузашта»** фаъолиятҳои устод Айниро дар роҳи омӯзиш ва шиносонидани мероси адабӣ ва муборизаҳои ӯро дар роҳи исбот кардани қадимӣ будани таърих ва адабиёти тоҷикони Осиёи Миёна фаро гирифтааст. Фасли чаҳоруми боби дувум **«Таҳқиқу омӯзиши устод Рӯдакӣ, Саъдии**

Шерозӣ ва дигар чеҳраҳои адабӣ аз ҷониби С. Айнӣ дар мактубҳо ба А. Лоҳутӣ» унвон дошта, яке аз муҳимтарин соҳаҳои фаъолияти эҷодии гуногунпаҳлуи устод Айниро фаро гирифтааст. Устод Айнӣ ба сифати як ҳақиқатҷӯи пурзӯр бо кашфиётҳои илмии худ дар ташаккул ва рушду нумӯи илми тоҷикон саҳм гузоштааст, ки ин самти фаъолиятҳои ӯ ҳам дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ равшан дарҷ гардидаанд. Фасли панҷуми боби дувум **«Андешаҳои А. Лоҳутӣ оид ба осори С. Айнӣ ва маҳорати адабии ӯ»** ном дорад. Андешаҳои А. Лоҳутӣ оид ба осори илмию адабии устод Айнӣ ва дар ҳамин замина муайян намудани нақши муассири устод Айнӣ ҳамчун бунёдгузори адабиёти муосири тоҷикӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми айнишиносӣ ба шумор меравад, ки ин масъалаи муҳим дар ин фасли рисола мавриди муҳокима қарор дорад.

Боби сеюм -«Масъалаҳои забони тоҷикӣ дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ» аз се фасл иборат мебошад. Боби мазкур, масъалаҳои марбут ба забони тоҷикиро дар асоси маводи номаҳои С. Айнӣ баррасӣ намуда, нахустин бор масъалаҳои забони тоҷикӣ дар заминаи номаҳо баррасӣ мегардад. Дар ин боб, ҳамчунин, андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳи устод Айнӣ ва роҳу равиши пешгирифтаи ӯ дар бобати масоили гуногуни забони адабии тоҷикӣ баррасӣ мегарданд. Устод Айнӣ барои инкишоф ва ташаккули забони миллии тоҷик аҳаммияти калон додааст. Ӯ ҳамчун асосгузори адабиёти муосири тоҷик бо эҷодиёти гаронмояи худ дар инкишофи забони адабӣ ва адабиёт хидмати аввалиндараҷа намудааст. **«Ақидаҳои С. Айнӣ доир ба забони асари бадеӣ ва хусусиятҳои он»** унвони фасли якуми боби сеюм аст, ки дар он зимни таваҷҷуҳ ба номаҳои устод Айнӣ андешаҳои ӯ дар мавриди забони асарӣ бадеӣ, умуман, вижагиҳои асарофаринӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар фасли дувуми боби сеюм – **«Тафсилоти таълифи «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»** муҳтавои як номаи устод Айнӣ ба унвони Лоҳутӣ, ки дар он аз ҷараёни тартиби ин луғат сухан рафтааст, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. **«Зарурати шарҳу тавзеҳи луғатҳо аз ҷониби устод Айнӣ»** фасли сеюми боби сеюм аст ва он шарҳи калимаҳоеро фаро гирифтааст, ки устод

Айнӣ дар номаҳои худ ба А. Лоҳутӣ баён намудааст. Бояд қайд намуд, ки дар ин фасл як бахши назару андешаҳои устод Айниро мулоҳиза ва ё тавзеҳоти ӯ ба ин ё он калимаи тоҷикӣ, баромади таърихии он ё сайри таърихии онҳо ва шарҳи калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд, ки аксаран муфассал ва арзишнок мебошанд. **«Инъикоси лаҳзаҳои муҳимми таърихи адабиёти навини форсии тоҷикӣ дар номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ»** фасли охири боби сеюм аст, ки аҳаммияти омӯзиши номаҳои устод Айнӣ ва А. Лоҳутиро ба баҳс кашидааст.

Аз хулосаи диссертатсия бармеояд, ки дар ҷараёни омӯзиш ва натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс карордода муаллиф муайян ва мушаххас намудааст, ки тамоми мактубҳо ва асарҳои устод Айнӣ, махсусан номаҳои ба А. Лоҳутӣ фиристодааш ҷиҳатҳои гуногуни адабӣ ва маърифатӣ, таърихӣ, этнографӣ, археологӣ ва мадорики гаронбаҳоеро дар бар кардаанд, ки ба пешрафти илму фарҳанги миллӣ таъсири амиқ мерасонанд. Рӯйхати адабиёти дар диссертатсия истифодашуда бо мавзуи таҳқиқнамудаи муаллиф муносибати баланди мантиқӣ дошта, ҷиҳати илмию натиҷаҳои боварибахши таҳқиқро комилан таъмин менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои илмии зикршуда диссертатсия аз камбудиҳои ҷузъӣ низ холӣ нест, ки такмил ва ислоҳи онҳо барои комилтар гардидани диссертатсия манфиатбор мебошанд. Аз ҷумла:
1. Ба андешаи мо, боби якумро вобаста ба шарҳи ҳолу мухтавои осори устод С. Айнӣ, ки дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ зикр гардидаанд, бояд ба ду боби алоҳида таҳсим кард. Зеро, чунонки аз мухтавои боби мазкур дида мешавад, тафсилоти мавзуъҳои мавриди таҳқиқ басо доманадор мебошанд.
2. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия муаллиф аз иқтибосоти зиёде истифода мебарад, ки ба ҳусни таҳлил, муҳокима ва хулосабарорӣ(саҳ.20, 21, 22, 28 ва ғ.) халал ворид месозанд.

3. Ба андешаи мо, дар рӯйхати адабиёт манбаъҳои интернетии истифодашуда низ зикр мегардиданд, беҳтар мебуд.
4. Дар рисола қисман хатоҳои техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо баҳри манфиати кор мебошад.
5. Гоҳо дар диссертатсия услуби илмии таҳқиқот ба услуби публитсистӣ тамоил пайдо намудааст.

Аммо хатоҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомшударо халалдор намесозанд, зеро онҳо хусусияти таҳририю ислоҳшаванда доранд ва ба мазмуну мухтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), баррасии осори илмии муаллиф дар шакли мақола, интишори маводи бойгонӣ, таҳлили ваҷҳаи шоирӣ, мавкеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ, таълифоти дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну мухтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Наимова Фарзона Меҳрубоновна бармеояд, ӯ доир ба мавзуи таҳқиқи худ 13 номгӯйи корҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва маводи бойгониро нашр намудааст, ки 12-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонхои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Наимова Фарзона Меҳрубоновна дар мавзуи «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ», ки зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Маҳмадаминов Абдулҳай Саидович иҷро шудааст, кори илмию тахассусии ба анҷомрасида буда, арзишманд дониста мешавад. **Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Наимова Фарзона Мехрубоновна дар мавзуи «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 27–уми декабри соли 2022, суратҷаласаи № 5 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Шамсов Н. С.**

Эксперт:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Боев Ш. Э.**

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Раҳимова М. И.**

Имзоҳои н.и.ф. Шамсов Н.С., Боев Ш. Э.
ва Раҳимова М. И. – ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода **Юсуфова Б. Ғ.**
734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев 17/6.,
тел.(+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru.
3-юми январи соли 2023

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
ШУЪБАИ КАДРҲО